КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ФАРМОИШ**

аз «27» декабри соли 2019 № 289 ш. Душанбе

Оид ба тағйирот дар ҳайат ва тамдиди
фаъолияти шӯрои диссертатсионӣ

Мутобиқи банди 12 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва банди 20 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, № 505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба ҳайати шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тағйироти зерин ворид карда шавад:

- узви шӯро, доктори илмҳои филологӣ Азизова Мавҷуда Эсановна аз ҳайати шӯро бароварда шавад;
- котиби илмии шӯро, доктори илмҳои педагогӣ Негматов Садуллоҷон Эргашевич аз вазифаи котиби илмӣ озод карда шуда, дар ҳайати шӯро мононда шавад;
- узви шӯро, Рузиева Лола Толибовна ба ҳайси доктори илмҳои педагогӣ пазируфта шуда, котиби илмии шӯро таъйин карда шавад;
- доктори илмҳои филологӣ, Ҳомидов Дилмурод Раҷабович ба ҳайати шӯро ворид карда шавад.

3. Фаъолияти шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D012100 – Забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои таҳсилоти ғайритоҷикӣ ва 6D012200 – Забон ва адабиёти рус дар мактабҳои таҳсилоти ғайрирусӣ дар ҳайати пешниҳодшуда бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои ироашуда тамдид карда шавад (Замимаи 1).

4. Мутобиқи банди 163 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ба шӯрои диссертатсионии мазкур, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисосҳои 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълимӣ забони русӣ дар мактабҳои олӣ ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ) ва 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълимӣ забони тоҷикӣ

дар мактабҳои олӣ ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, гурӯҳҳои таҳсилот ба забони ғайритоҷикӣ) иҷозат дода шавад (Замимаи 2).

5. Мӯҳлати фаъолияти шӯрои диссертатсионии мазкур 5 сол муқаррар карда шавад.

6. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: дархостномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2019, №331/дс; қарори шӯрои экспертии самти илмҳои Таҳсилот (суратҷаласа аз 18 декабри соли 2019, №2) ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019, протоколи №11.

Раис А.Розиқзода